УДК-33Т
ББК-65.9(5т)
М65

# ГЕНЕЗИСИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҲСОНКОРӢ ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ: АЗ ДАВРАИ ДУНЁИ ҚАДИМ ТО МАРҲИЛАИ МУОСИР

**Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна** - *муаллимаи кафедраи назарияи иқтисодӣ МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, e-mail: lubamirboboeva25@mail.ru*

# ГЕНЕЗИС БЛОГОТВОРИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ КАК СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ ФЕНОМЕН: ОТ ДРЕВНИХ ВРЕМЁН ДО СОВРЕМЕННОГО ЭТАПА

**Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна** - *преподаватель кафедры экономической теории ХГУ имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: lubamirboboeva25@mail.ru*

# EVOLUTION OF CHARITY ACTIVITY AS A SOCIO-ECONOMIC PHENOMENON: FROM ANCIENT TIMES TO THE MODERN STAGE

**Mirboboeva Matlubahon Ibraimhonovna**- *Lecturer at the Department of Economic Theory SEI «Khujand State University named after academician B.G.Gafurov» (Tajikistan Republic, Khujand), e-mail: lubamirboboeva25@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *фаъолияти эҳсонкорӣ, фаъолияти хайриявӣ, саховатмандӣ, соҳаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ соҳибкорони саховатпеша.*

*Таҳаввули фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз давраи дунёи қадим то марҳилаи муосир бо як қатор омилҳои номусоиди рушди иҷтимоӣ марбут аст, ки ба баландшавии тафовути иҷтимоӣ, миқёси камбизоатӣ, ва дар тақсимоти даромади музди меҳнат аҳамияти нокифоя доранд. Дар чунин шароит шумораи гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир, ки ба кӯмаки иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд, дар шакли чораҳои мухталифи дастгирӣ аз ҷониби давлат ва ҷомеа меафзояд. Барои расонидани чунин кӯмак, яке аз муҳимтарин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкилотҳои хайриявӣ мебошанд, ки таъсиси онҳо дар даҳсолаи охир фаъолтар шудааст. Бо назардошти ин, таваҷҷӯҳи хос ба эҳсонкорӣ ва арзёбии захираҳои иҷтимоию иқтисодии ин фаъолият дар самти пешниҳоди хидматҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ зоҳир карда мешавад.*

***Ключевые слова:*** *благотворительная деятельность, безвозмездная помощь, социальные сферы услуг, предприниматели-благотворители .*

*Эволюция благотворительной деятельности как социально-экономического феномена от древних времён до современного этапа связана с рядом неблагоприятных факторов общественного развития, которые усиливают социальные различия, уровень бедности и распределения доходов. В этих условиях число социально уязвимых групп, нуждающихся в социальной поддержке, растет по мере того, как продолжают расти различные формы государственной и общественной поддержки. Одним из важнейших институтов гражданского общества являются благотворительные организации, чьи фонды стал более активными в последнее десятилетие. В связи с этим, особое внимание уделяется благотворительности и оценке социально-экономических ресурсов этой деятельности при предоставлении социальных услуг.*

***Key words:*** *charity, generosity, social service, charity entepreurs..*

*The evolution of charitable activity as a socio-economic phenomenon: from ancient times to the modern stage, is associated with a number of adverse factors of social development, which are not enough to strengthen social differences, poverty and income distribution. Under these conditions, the number of socially vulnerable groups in need of social support grows as various forms of state and public support continue to grow. One of the most important institutions of civil society is a charitable organization whose foundation has become more active in the last decade. In this regard, special attention is paid to charity and the assessment of the socio-economic resources of this activity in the provision of social services.*

Инкишофи фаъолияти эҳсонкорӣ зимни анъанаҳои миллӣ, таърихӣ ва маънавӣ арзёбӣ мегардад. Пайдоиши фаъолияти эҳсонкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи хело тӯлонӣ дорад. Тайи садсолаҳо моҳият ва шакли фаъолияти эҳсонкорӣ тадриҷан дигаргун гаштанд. Рушди фаъолияти эҳсонкорӣ дар таърихи халқи тоҷик се марҳила, аз нуқтаи назари ташаккул, рушд ва нузули низомҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ ва иҷтимоӣ, калони таърихиро дар бар мегирад.

Марҳилаи якум давраи ибтидои муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ташаккулёбии давлатҳои Дунёи Қадим дар ҳудуди Осиёи Марказӣ зимни ақидаҳо ва шаръи дини зардуштиро фаро мегирад.

Марҳилаи дуюм давраи истилои Осиёи Миёна аз ҷониби арабҳо ва пайравии сокинони кишварҳои дар он замон мавҷудаи минтақаи мазкур ба дини исломро дарбар мегирад.

Марҳилаи сеюм давраи муосири ҳаёти ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии халқи тоҷикро дарбар мегирад, ки аз ибтидои асри XX то инҷонибро ташкил медиҳад.

Қобили зикр аст, ки ҳазораҳои II – I пеш аз милод дар байни қабилаҳои эронӣ ва тоҷикнажод оину мазҳабҳои ҷудогонае мавҷуд буданд, ки баъдтар онҳо ба зардуштия дар шакли комилан инкишофёфтаи худ дохил гардиданд.

Таблиғоти Зардушт ба муқобили пешвоёни қабилавӣ, ашрофзодагон ва мӯбадони дини пешин, ки қурбониҳои зиёди хунинро тарғиб мекарданд, равона карда шуда буд. Ба таври одилона ва холисона шаклҳои пешқадами хоҷагидориро тарғиб намуда, ба муқобилат кардан ба задухӯрдҳои ҷангиву ғоратгарона, ки ягона мақсадашон ба тороҷ бурдани чорпоён буд, даъват намуда, Зардушт тарафдори муқимнишинӣ ва барқарор намудани ҳокимияти пурзӯру зиндагии осоишта дар рӯи замин буд.

Аз байни хусусиятҳои асосии зардуштия, ки ба давраҳои мухталифи инкишофи он хос буданд, инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: 1) дар шаклҳои аввалини зардуштия тамоили монотеистӣ (яккахудоӣ), ки дар ибодат ба худои ягона — Аҳурамаздо ифода ёфта буд, ба назар мерасад; 2) дуияте, ки аксаран онро ба ахлоқ ва одоб нисбат медиҳанд ва он аз муқобилгузории ду мабдаи доимии муҷаррад Некӣ ва Бадӣ ва ё Рост ва Дурӯғ таркиб ёфта буд, сарвари қувваҳои Некӣ (ростӣ, адолат, рӯшноӣ) — Аҳурамаздо, сарвари қувваҳои Бадӣ (дурӯғ, торикӣ ва ғ.) — Аҳраманйу мебошанд. Мубориза ин ду қувва асоси пешрафти ҷаҳонро ташкил медиҳанд.

Якҷоя бо тамоюли яккахудоӣ, ки ба сабаби худои ягона шинохта шудани Аҳурамаздо дар байни тоифаҳои эронӣ инкишоф мeёфт, тасаввуроти дуалистӣ низ паҳн мегардид. Мувофиқи ин тасаввурот, тамоми чизҳои рӯи ҷаҳон – худоён, ҳаводиси табиат ва ҷамъият, ҳайвонот ва ғайра ба мабдаъҳои неку бад, ба ростӣ ва дурӯғ – таҷассуми беадолатӣ, бадӣ ва бадахлоқӣ мансубанд. Ин ақидаҳо дар таълимоти Зардушт, ки монотеизм ва дуализмро фаро гирифта, тамоми тасаввуроти дуалистиро дар атрофи як зиддияти умумии ҷаҳонӣ ҷамъбаст шуда буданд. Дар зиддияти умумии ҷаҳонӣ роли ҳалкунандаро инсон мебозид.

Роли инсон дар зардуштия аз рӯи консепсияи оид ба иродаи озод, ки дар «Готҳо»-и Зардушт асоснок шудааст, муайян мегардад. Инсон некӣ ва ё бадиро худ интихоб менамояд ва амалиёти ӯ дар рафти муборизаи ҷаҳонии мабдаъҳои неку бад аҳамияти ҳалкунанда дорад. Кӯшиши якҷояи тарафдорони он бояд дар охир ба пирӯзии некӣ бирасонад. Зардушт ба мардум ваъдаи расидани ҷаҳони наверо медод, ки дар он қувваҳои некӣ бар бадӣ пирӯз хоҳанд шуд. Пас аз озмоиш бо оташ онҳое, ки некиро интихоб намудаанд, ба олами адолат мерасанд. Мувофиқи таълимоти Зардушт пирӯзии қатъии қувваҳои некӣ дар ояндаи наздик бояд анҷом бипазирад.

Вазифаи асосӣ зиндагии одилона «андешаи нек», «гуфтори нек», «кирдори нек» буданд, ки тавассути онҳо инсон бо бадӣ мубориза мекард. Зиёд кардани боигариҳои моддӣ, ки Аҳурамаздо барои инсон офарида аст, машғул шудан бо чорводорӣ ва киштукор, яке аз василаҳои мубориза бо қувваҳои бадӣ дониста мешуд.

Таълимоти зардуштӣ шуғли деҳқонӣ ва чорводориро вазифаи муқаддас ва кори пуршуҷоат медонист ва пайравони худро ба ин амр водор менамуд. Дар ин ҷо барои гузаштан ба чорводорӣ ва зиндагии муқимӣ ва махсусан ба хоҷагии зироаткорӣ ошкоро даъват карда шудааст.

Дар фиқраҳои 2-6 фасли савуми «Видевдод» гуфта мешавад, ки макони хайру эҳсон ва шодиву хуррамӣ «ин ҳамон ҷост, ки бандагон барои худ маскан ва оташкада сохта, соҳиби зану фарзанд ва дорои рама бошанд. Он гоҳ ба ин макон хайру баракат рӯ оварда, ҳайвонот ва саг, зан ва кӯдак, оташ ва ҳама гуна нозу неъмат осуда ва эмин хоҳад буд <…> Ин ҳамон ҷост, ки бандагон бисёртар ғалла, алаф, наботот ва меваҳои хӯрданӣ мекоранд, замини хушкшударо шодоб ва замини хеле намро хушк мекунанд, ба миқдори хеле зиёд ҳайвоноти калон ва хурдро парвариш менамоянд <…> ва ин ҳайвонот поруҳои ниҳоят бисёре медиҳанд». Инчунин, дар фиқраҳои 25, 26 ва 31-и ҳамон фасл гуфта мешавад: «Касе, ки ғалла мекорад, гӯё тухми некӣ мепошад».

Маҳз дар қадимтарин қисми «Авесто» даъват ба меҳнати деҳқонӣ, инъикоси тасаввурот ва афсонаҳои халқӣ ва ғайра дида мешавад. Вале «Авесто» дар сурати мукаммал, ҳамчун асари давраҳои хеле баъдина ба назар мерасад, давраҳое, ки таълимоти зардуштӣ муқаддас ва қонунӣ эълон гардида, ба дину оини давлатӣ, ки ҳокимияти подшоҳро парастида, ҳукмронии ашроф ва рӯҳониёнро бар оммаи меҳнаткаш раво медонист, табдил меёбад.

Чунончи, дар боло зикр карда шуд, дар «Готҳо» доир ба пайдоиши некӣ ва бадӣ, муборизаи доимии онҳо бо якдигар, дар бораи "пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек, масъалаҳои оёину ахлоқ сухан меравад. Дар «Готҳо» оиди вазъи иҷтимоии ҷомеаи онруза низ хабар омада аст. Таркиби иҷтимоии зардуштиён ба се гурӯҳи зайл ҷудо шудааст:

1) Рӯҳониён ба сардори пешвоиёнашон - мубадон.

2) Қабилаи авлодӣ дар ҷомеа.

3) Иттиҳоди қабилаҳо бо сардории пешвоён ё сипаҳсолорон.

Шоҳи одил аз ибтидои ҷамъияти синфи орзуи халқ буд. Ҳамаи нерӯҳои ки барои он офарида шудаанд, ки бо ҳидояти мубадони покниҳод ва сипаҳсолорони қавмҳо ба парастиши Ахурамаздо, мадад ҷустан аз фариштагони некукор ва манфиати барзгарону чорводорон машғул бошанд, бо Аҳриман ба муқобили зулм мубориза баранд, барои инсони пок роҳи расидан бо орзуро наздик намоянд. Зардуштиён бар он боваранд, ки равони одамон пас аз маргашон бар асоси андеша, гуфтор ва кирдорашон доварӣ мешаванд. Баъдан дар бобҳои дигари Аҳура Маздо чун бароварандаи орзуҳо, фарзона, ободгари зиндагӣ, сароғозу саранҷоми ҳастӣ, падари маниши нек, довари кирдори ҷаҳониён ва ғайра тавсиф шудааст.

Ба андешаи мо, тибқи таълимоти дини зардуштия, бо фаъолияти иқтисодӣ табақаҳои иҷтимоии деҳқонон ва чорводорон машғул буда, дар ҷараёни тавлид маҳсулоти ҷамъиятӣ ва арзиши иловашуда нақши муҳим мебозид. Бино ба ин, мо дар он фарзия қарор гирифтем, ки шояд деҳқонон ва чорводорон, зимни талаботи шаръии зардуштия бо фаъолияти эҳсонкорӣ машғул шуданашон аз эҳтимол дур нест.

Расму оинҳои зардуштӣ дар Эъломияи Куруши Кабир бо номи «Силиндри Куруш» дар шакли гилнавишт бо забони аккадӣ инъикос ёфта, дар ҷаҳони муосир маълум ва машҳур аст. Эъломияи Куруш яке аз манбаъҳои муқаддаси давлати Ҳахоманишиён буда, дар он ҳуқуқ ба озодии эътиқод, озодии ҳаракат, интихоби манзил, ҳуқуқ ба моликият ва ғайра ба таври возеҳ дарҷ карда шудаанд. Меъёрҳои Эъломияи Куруши Кабир то имрӯз моҳияти худро гум накардаву истифодашавии онҳо дар санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар 10-уми декабри соли 1948 қабул шудааст. Зимни Эъломияи мазкур, соли 1966 Созмони Милали Муттаҳид Шартномаи байналмилалӣ оиди ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро қабул намуд[1].

Марҳилаи дуюм давраи истилои Осиёи Миёна аз ҷониби арабҳо ва пайравии сокинони кишварҳои дар он замон мавҷудаи минтақаи мазкур ба дини исломро дарбар мегирад.

Чордаҳ аср аст, ки тоҷикон аз ислом, бахусус мазҳаби ҳанафӣ пайравӣ мекунанд ва ин дини мубину ин мазҳаби таҳаммулпазир унсури таркибии тарзи зиндагии ҳар фарди ҷомеаи мо гардидааст. Аз ҷумлаи он анъанаи неке, ки аз Паёмбари гиромиқадр ба умматашон мерос мондааст, ба ниёзмандон хайру саховат кардан мебошад.

Дар яке аз ҳадисҳои муборaки Паёмбари гиромӣ омадааст, ки сахӣ ба Худо наздик аст, ба биҳишту ба мардум наздик аст; бахил аз Худо дур аст, аз биҳишт дур аст, ба дӯзах наздик аст.

Калимаи арабии «садақа» аз решаи «сидқ» дар маъниҳои ростӣ, дурустӣ, пойдорӣ ва устуворию шоистагӣ ба кор рафта ва он молест, ки дар роҳи худо ба мустамандон ва ниёзмандон медиҳанд. Пас амали инсон замоне садақа маҳсуб мешавад, ки агар он воқеан аз рӯи ихлосу имон ва ақидаи устувор дар роҳи расидан ба ормонҳои динӣ ва шоистаи муҳаббату дӯстии Худованд бошад[2].

Дар ислом, бахусус мазҳаби ҳанафия инсофу адолат ва сулҳу амният ҷойгоҳи бисёр олӣ дошта, ҳар як фарди мусулмонро ҳидоят менамояд, ки зиндагии муносибу арзандаро пеша намояд, бо эҳсонкориву хайрхоҳӣ умр ба сар барад[3].

Дини мубини ислом доир ба додану гирифтани садақа ва анҷом додани хайрот дастур додааст, ки гирандаи он фақирон ва шахсони камбизоату серфарзанд буда, дар навбати худ, садақа додану хайрот кардани чунин одамон шарт нест[4].

Дини мубини ислом, хусусан, мақому манзалати хайру эҳсонкориро бисёр баланд бардошта, онро бо ихлос ба Худованд тавъам медонад, чунки ихлосу эҳсон зевари беҳтаринест, ки ҳар як муъмин бояд худро бо он ороста намояд.

Саидамон Исомаддинов ва Солеҳи Зарифзод, зимни ояти 160-уми сураи Бақара, оиди баёни хайрот ва садақа дар муқаррароти дини ислом, қайд мекунанд, ки «хайрот ва садақа аз муҳимтарин асрори комёбӣ эътироф гардидаанд. Ҷойгоҳи беҳад баланди лутфу эҳсон ва

ҳимматбаландию саховатмандиро аз он ҳам дарк кардан мумкин мешавад, ки аз наҷибтарин амалҳои бандаи некрӯзии худо пазируфта шудаанд. Ҳар кас кори неке анҷом диҳад, даҳ баробар ба ӯ подош диҳад, ва ҳар кори баде анҷом диҳад, танҳо монанди он ҷазо бинад, то ситаме бар онҳо нарафта бошад» [5].

Ба андешаи эшон, хайрот ин фақат пул ва ё молу мулк набуда, ҳамчунин вақт қувва, меҳнат, зуҳуроти дӯстию некхоҳӣ ба дигарон маҳсуб мешавад, ки ба хотири ризоияти худо барои дигарон ба масраф медиҳад. Дар замони мо ҳар тоҷир нағз медонад, ки рақобати бозорӣ намегузорад ба моли харида ва ё истеҳсолшуда фоидаи як бар як пешбинӣ карда шавад. вале тибқи ақидаи дини ислом ҳар бандае, ки хайру эҳсон мекунад бар ивази хайроти кардагиаш манфиати як бар даҳ сар карда, то як бар ҳафтсадро муяссар мегардад.

Дар дини ислом барои додани садақа ва ба ҷо овардани хайрот талаботии аввалиндараҷа назди садақадиҳанда он аст, ки дар раванди ин амал хеле эҳтиёткор бошад, то ки ба садақа ё хайроти худ гирандаро сархаму хиҷолатманд нагардонад, боиси ранҷиши хотири ӯ, гузашта аз ин сабабгори озор ёфтани дилаш нашавад. Садақа бояд пинҳонӣ дода шавад, ки барои шахси мискин сабаби сарбаландӣ мегардад. Вале агар ошкоро додани садақа бар иловаи хайр ба мисоли ибрати дигарон шудан, дошта бошад, воҷиб мешавад. Худо бошад дар ҷавоб боигарииии саховатмандонро, новобаста ба дину оинашон мунтазам зиёда мегардонад. Хайрот инсонро хушбахту хушҳол менамояд.

Дар суннати дини ислом омадааст, ки «саховатманд ба худо наздик аст ба биҳишт наздик аст, ба мардум наздик асту аз дӯзах дур мебошад. Хасис бошад, аз худо ва аз мардум дур буда, ба дӯзах наздик аст. Худо нисбат ба диндори хасис ҷоҳили сахиро бештар дӯст медорад», «беморони худро бо мадади хайрот шифо бахшед» ё «моликияти худро ба воситаи закот эҳтиёт намоед, беморони худро бо садақа шифо диҳед ва балоро ба воситаи дуо баргардонед».

Дар муқаррароти дини ислом, зикр шудааст, ки манфиатҳои хайрот, инчунин боиси ба дӯстдории худо ноил гардидани ашхоси саховатманд мешавад, дар ҳаққи хайроткунандагон фариштаҳои худо дуо мекунанд, ки савоби он ҳатто, пас аз марг ҳам, то рӯзи ҳисоб ба дафтари аъмоли ӯ навишта мешавад:

1. хайрот бояд ҳатман моли ҳалолу покиза бошад;
2. шахсро зарур аст, ки моли барои худаш мақбултарин ва дӯстоштатаринро нисор бикунад;
3. хайрот ба хотири ризоияти парвардигор бошад.

Эҳсонкорони давраи исломӣ, баҳри ба ризоияти худо расидан, аз сармояҳои хеш маблағхои муайянро барои сохтмон ва бунёди масчиду мадрасаҳо сарф мекарданд, ки боиси омӯзиши мо қарор гирифт. Чунки, таҳкими пояҳои ҷамъиятию давлатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, хоса дар асоси рукнҳои шариати дини ислом сарчашма меёфт. Дар баробари сохтмон, бунёд ва ба истифода додани иншоотҳо ва биноҳои таълимоти динӣ, ки толибилмон бо таълиму тадрис машғул буданд, дар он ҷой ҳуҷраҳои махсус, ҳамчун манзили зист ва иқомати муваққатӣ барои бенавоён, фақирон, гадоён, мусофирон, дарвешон, дар маҷмӯъ барои ниёзмандон пешбинӣ мегардид.

Чунончи, таърихнигор Ҳасанбой Шарифов оиди сохтмон ва бунёди мадрасаҳо дар шимоли Тоҷикистон қайд мекунанд, ки Оқбӯтабек дар шаҳри Хуҷанд мадраса бо хишти пухта бо 28 ҳуҷра бунёд кардааст. Беки Хуҷанд Шоҳӣ-девонабегӣ ва Муҳаммадсодиқи Олим, дар алоҳидагӣ аз хишти пухта ҳар як мадраса бо 23 ҳуҷрагӣ сохтаанд. Ин мадрасаҳо номи бунёдкорони худро гирифтаанд. Бек Холиқулмирзо мадраса аз хишти хом бо ном Намозгоҳ бунёд кардааст, ки аз 23 ҳуҷра иборат буд. Мирзоҳакими Пошовалӣ Мадрасаи Ҳазрати Шайх Маслиҳатдинро бунёд кард, ки 10 ҳуҷра дошт. Бек Ҳоҷӣ Бурҳонбой мадрасаи Муҳаммадюсуфро бунёд кардааст, ки 13 ҳуҷра дошт. Шумораи умумии толибилмони мадрасаи мазкур ба 1000 нафар мерасид» [6].

Масҷиди Ҳазрати Бобо аз ҷониби Тангриқул-девонбегӣ сохта ба истифода дода шуда буд. Масҷиди ҳазрати Хоҷа Камол аз ҷониби бек Абдуқосим-қушбегӣ бино гардидааст. Масҷиди Ҳазрати Шайх Маслиҳатдин аз ҷониби яке аз сокинони деҳаи Унҷӣ сохта шудааст. Масҷиди Намозгоҳро ҳокими вилояти Ӯротеппа Фозилбек сохта ба истифода супоридааст. Қозиён бо захираҳои молиявии худ дар маҳалли зисташон масчид бунёд мекарданд. Имоми маҳаллаи Қозӣ Лучакон, қозӣ Ҳидоятхоҷа солҳои 1880-1903 ба мардуми деҳаи Қалъаи Нав кӯмакӣ маънавӣ мерасониданд. Иброҳимхоҷа - писари қозӣ Ҳидоятхоҷа дар мадрасаи Меҳтар, сипас дар мадрасаи Шоҳӣ бепул ба мардуми ниёзманд дарс мегуфтанд. Қобил Муллобоев аввалин майдони замонавии Хуҷанд-«Круг»(1883), боғи истироҳатӣ, гулгашти пристав, қароргоҳи нави майдони уезд, ҳаммоми машҳури паҳлӯи қалъа «Ҳаммоми Қобилбой» бунёд кардаанд. Валамӣ – бойбача, Назир – махсум Шокиров ва Авул-бойбача баҳри аз гуруснагии соли 1918 наҷот додани мардум, дар Қумтеппаи Раззоқ дег монда чандин моххо мардуми атрофро хӯрок додаанд. Дар интиҳои ҳосилғундорӣ аз ҳосили боғ ё аз сафар боз гаштан, ба тамоми сокинони

маҳалла савғотиҳо оварда тақдим мекарданд. Мирҳомидбой Мирмӯъминов дар ҳавлии берунаш сарою қушхона сохта барои мусофирон ба истифода дод. Юсуфбой Боқибоев Масҷиди Довудхоҷаро бо 100 тангаи тиллоӣ аз нав созонд. Раҳимбой – атола Боқибоев дар аснои гуруснагии мудҳиш деги калон гузошта бо миқдори зарурии гандуму ҷуворӣ ва бо мошу лӯбиё гуруснагонро бо хуроки гарм таъмин менамуд. Қобилҷонбой Олимҷонов дар аснои гуруснагии соли 1918 деги хайрияаш одамони бағоят бисёрро наҷот дод. Ҳамчунин як вагон ордро ба мардум якфақери тақсим кардааст. Боз ба ғайр аз ин хайроташ барои гуруснагони шаҳри Маскав низ ду вагон меваи хушк фиристодааст. Миркомилбой Мӯъминбоев гарчанде, ки ба Андиҷон маскун шудааст, ба мардум кӯмаки зиёди моддӣ мерасонд ва дар Андиҷон ҳам ба бисёр хуҷандиён кӯмаки моддиву маънавӣ мерасонд. Ҳамчунин барои кӯмак ба хазинаи қувваҳои мусаллаҳи Туркия ба ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар 250 ҳазор сӯми тилло гузаронидааст. Пӯлодҷон- бойбача Қосимбоев дар ҳавлии берунаш ҳар рӯз барои бенавоён дами гарм ҷӯшонида онҳоро сер мекард. Пӯлодчаи Қоқ дар хонааш барои духтарони таҳҷоӣ омӯзондани забони руси мактаби махсус кушода медиҳад. Саид Валихон Беҳҷати Аҳрории Хистеварзӣ барои саводнок намудани аҳли деҳаи хеш заҳмати зиёде кашида солҳои 1921-1923 дар болохонаи худ мактаб ташкил намуда бо ёрдами Мулло Охунбобо Собитов, Абдусамад Ҳоҷӣ, Абдуқаҳҳор Абдуллозода ба фарзандони деҳа савод меомӯзонад. Абдуҳомид Полвонов, Абдураҳим Азимов, Абдуманнон Тоҷибоев ва якчанд дигарон дастпарвари ҳамин мактабанд. Баъд бо ташаббуси Беҳҷат дар як гӯшаи ҳавлии масҷиди Сари Қалъа бо усули ҳашар мактаб бино карда шуд, ки иборат аз се хона буд. Омӯзгорони ин мактаб Икром Инъомов, Абдуғаффор Ҳасанов аз забону адабиёт, ҷуғрофияю ҳандаса дарс мегуфтанд. Бародари Беҳҷат Саидбобохон, ки Наимӣ тахаллус дошт, шахси равшанфикр буда, солҳои 1921-24 хонандагонро бо қалами бӯрин, тахтачаи савод ва алифбо таъмин мекард. Як хусусияти мактаби Аҳрориён он буд, ки он ҷо фарзандони мардум бепул таълим мегирифтанд[6].

Марҳилаи сеюм давраи муосири ҳаёти ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии халқи тоҷикро дарбар мегирад, ки аз ибтидои асри XX то инҷонибро фарогир аст.

Дар замони муосир эҳсонкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи понздаҳсолаҳои охир назаррас аст. Мантиқан бинем, эҳсонкорӣ ҳамчун як падидаи иқтисодӣ ҳоло аз нуқтаи назари илмӣ ба чашм намерасад. Зеро ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти эҳсонкорӣ аз нуқтаи назари олимони иқтисодчии ватанӣ барраси нашудааст, аз ин лиҳоз масъалаи мазкур мубрам ҳисобида мешавад.

Бо вуҷуди ин, дар айни замон заминаи ҳуқуқӣ ташаккул ёфта истодааст ва аввалин омор оид ба ин масъала ҷамъоварӣ карда шудааст, ва бинобар норасогии таваҷҷӯҳи олимони иқтисодчӣ ба ин падида, таҳқиқоти ҳозира муҳтавои тадриҷан муҳим пайдо намудааст.

Зимни маълумотҳои оморӣ ва ҷамъоваришуда маблағҳои эҳсонкорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ дар давоми соли 2013- 2019 зери таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуд, ки дар ҷадвали № 1 ва диаграммаҳои № 1 ва 2, 3 оварда шудааст.




Диаграмма аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Ҷадвали 1.

| № | Самт | Ҳаҷми эҳсонкорӣ (млн. сомонӣ) | Вазни хоси хароҷотҳо (бо %) |
|---|---|---|---|
| 1. | Маориф | 182,2 | 65,2 |
| 2. | Тандурустӣ | 2,4 | 0,9 |
| 3. | Варзиш | 47,5 | 17 |
| 4. | Иншооти иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ | 21,0 | 7,5 |
| 5. | Роҳу пулҳо | 0,3 | 0,1 |
| 6. | Кӯмакҳои моддиву маънавӣ ба маъюбон ва ниёзмандон | 25,9 | 9,3 |
| 7. | Ҳамагӣ: | 279,3 | 100 |

Ҷадвал аз ҷониби муаллиф тартиб дода шуд.




Диаграмма аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.




Диаграмма аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, ҶТ ба эҳсонкорӣ маблағҳои начандон калон хайрот мекунад. Дар соли 2018 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 69548,9 млн. сомонӣ, ҳаҷми маблағҳои эҳсонкорӣ дар тӯли ҳамин сол ҳамагӣ 279,3 млн сомонӣ, ё тақрибан 0,4%-и ММД-ро ташкил дод, ки аз се як ҳиссаи аҳолӣ тибқи омори расмӣ, зиндагии камбағалона доранд, инчунин зарурати маблағгузорӣ ба илм, маориф, тандурустӣ ва бисёр соҳаҳои иҷтимоӣ муаззам аст.

ПАЙНАВИШТ

1. https://ru.wikipedia.org/wiki. санаи муроҷиат: 07.09.2019
2. http://prezident.tj/node/322 санаи муроҷиат: 07.12.2018
3. http://prezident.tj/node/9428#k_mastchoh санаи муроҷиат: 07.12.2018
4. http://prezident.tj/node/12021 санаи муроҷиат: 07.12.2018
5. С.Исомаддинов, С.Зарифзод. "Ислом ва бизнес". Хуҷанд: Ношир, 2015, 447с.
6. Ҳасанбой Шарипов "Манзили аҷдоди мо". Хуҷанд: Нашриёти "Ношир"
7. 2007, 754с.

REFERENCES

1. https://ru.wikipedia.org/wiki. date of access: 07.09.2019
2. http://prezident.tj/node/322 date of access: 07.12.2018
3. http://prezident.tj/node/9428#k_mastchoh date of access: 07.12.2018
4. http://prezident.tj/node/12021 date of access: 07.12.2018
5. S.Isomaddinov, S. Zarifzod, «Islam and business». Khujand: Published in 2015, 447 p.
6. Hasanboy Sharipov «Our native land». Khujand: Publishing of «Noshir», 2007, 754 p.